# ПРОТОКОЛИ №36.2
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**26 июни соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Раис:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Ҳайати шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10. 2024, таҳти рақами 168/шд бо шумораи 11 нафар тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи сабти ҳузур, ки имзои шахсии ҳар як аъзои шуро гузошта шудааст, дар маҷлис – 9 нафар, аз ҷумла доктороии илм, инчунин аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – 4 нафар доктороии илм иштирок доранд.

Ҳамин тариқ, кворум ҳаст. Шуро ваколатнок аст, ки масъалаи дар рӯзнома гузошташударо баррасӣ намояд. Бобати оғоз намудани кори шуро чӣ хел пешниҳодҳо ҳаст? Пешниҳод шуд, ки оғоз карда шавад. Кӣ тарафдори он, ки кори шуроро оғоз намоем? Хоҳишмандам, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

Бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти рақами 403 /шд, ба ҳайати шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тағйироти зерин ворид карда шуд. Бо сабаби ба донишгоҳи дигар ба кор гузаштани котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Самадова Заррина Акрамҷоновна аз ҳайати шуро бароварда шуда, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Назаров Хуршед Собирҷонович ба ҳайати шуро ворид гардида, котиби илмии шуро таъин карда шуд.

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

1. Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан (online) д.и.и., 08.00.03
2. Ризозода Тӯра Раббим д.и.и., 08.00.03
3. Бобоҷониён Даврон Дадоҷон д.и.и., 08.00.03
4. Бойматов Алиҷон Азизович д.и.и., 08.00.10
5. Газибеков Садриддин Арслонбекович д.и.и., 08.00.10
6. Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич д.и.и., 08.00.10
7. Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович д.и.и., 08.00.10
8. Раҳимов Абдулатиф Маҷидович д.и.и., 08.00.03
9. Назаров Хуршед Собирҷонович н.и.и., 08.00.03

**Рӯзномаи маҷлис:**

Ба ҳимоя қабул кардани диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ.

**Шунида шуд:** Узви шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. аз рӯи натиҷаҳои ташхиси пешакии диссертатсияи пешниҳодгардидаи Юсупов Ғ.Ғ. дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ сухан карда, қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур ба талабот ҷавобгӯ буда, он барои ҳимоя қабул карда шавад.

Роҳбари илми доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ғозибеков С.А. мебошад.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг), ҳамчун ба соҳаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ чоп шудааст, аз онҳо 3 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,7 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

Комиссияи ташхис барои ҳимоя намудани диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи Юсупов Ғ.Ғ. шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Бойматов Алиҷон Азизович**, доктори илмҳои иқтисодӣ , профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- **Худойназаров Шаҳриёр Худойқулович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ, кафедраи менеҷмент ва маркетинг таъин карда шавад.

4. Санаи ҳимоя 13 сентябри соли 2025, соати $9^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

6. Омода намудани лоиҳаи хулосаи ниҳоии шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Юсупов Ғ.Ғ. ба ӯҳдаи д.и.и., профессор Исмоилов М.М, вогузор карда шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳи:
тарафдор – 9 нафар;
зид – нест;
бетараф – нест;
Қарор бо як овоз қабул шуд.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** — **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шуро, н.и.и., дотсент** — **Назаров Х.С.**